Намозҳои панҷгона, аз ҷумъа то ҷумъаи дигар ва аз рамазон то рамазони дигар ва дар ҳоли дурӣ аз кабоир, кафорати гуноҳони байни онҳо мегардад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Расули Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Намозҳои панҷгона, аз ҷумъа то ҷумъаи дигар ва аз рамазон то рамазони дигар ва дар ҳоли дурӣ аз кабоир, кафорати гуноҳони байни онҳо мегардад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён намудаанд, ки намозҳои панҷгона, ва дар як ҳафта як маротиба намози ҷумъа ва дар як сол рӯза доштани моҳи Рамазон, кафорат ва поккунандаи гуноҳони сағира ҳастанд, ки банда дар ин миён анҷом медиҳад, ба ин шарт, ки аз гуноҳони кабира бипарҳезад. Аммо гуноҳони кабира, ба монанди зино ва шаробнӯшӣ ба ҷуз тавба пок намешаванд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3591